آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**31 январи соли 2026 Шанбе № 9 (15228)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЭҲТИРОМИ ХОТИРАИ ПРЕЗИДЕНТИ НАХУСТИН

***Президент Шавкат Мирзиёев 30 январ ба пояи ҳайкали Ислом Каримов дар шаҳри Тошканд гулчанбар гузошт.***






Хотираи таърихӣ пояи устувориояндаи миллат аст. Хидматҳои бузурги Президенти аввалин Ислом Каримов дар ташаккули Ўзбекистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол ва бунёди асосҳои давлатдорӣ бо эҳтиром ва эътирофи амиқ ёд карда мешаванд.

Бо ташаббус ва таваҷҷуҳи Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев хотираи Президенти нахустин ҷовидон гардонда шуд, дар Самарқанд мақбараи ӯ бунёд гардид. 30 январ таҷлил намудани рӯзи таваллуди Ислом Каримов ба анъанаи нек табдил ёфтааст.

Дар идомаи маросим Қуръон тиловат намуда, дуо хонда шуд. Фаъолияти Президенти аввалин дар роҳи манфиатҳои Ватан ва фазилатҳои инсонии ӯ бо эҳтиром ёдоварӣ гардид.

Дар маросим, ки дар Маҷмааи ёдгории илмиву маърифатии ба номи Ислом Каримов доир гардид, намояндагони палатаҳои Олий Маҷлис, Маъмурияти Президент, ҳукумат, аҳли илму фан ва фарҳанг, вакилони ҷамъиятӣ иштирок карданд.

Ҳамчунин, дар пояи ҳайкалҳои Президенти аввалин дар шаҳрҳои Самарқанд ва Қаршӣ низ гул гузошта шуда, ба хотираи ӯ эҳтиром ба ҷо оварданд.

**ЎзА.**

# ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ МИНБАЪДАИ ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ «ЎЗБЕКНЕФТГАЗ» БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимот оид ба масъалаҳои баланд бардоштани самарадории фаъолияти Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекнефтгаз» шинос шуд.***

Дар мамлакат ҷиҳати таҳкими амнияти энергетикӣ, таъмини устувори талаботи дохилӣ ба манбаъҳои энергия, аз ҷумла гази табиӣ, инчунин таъмини бефосилаи соҳаҳои иқтисодиёт пайваста чорабиниҳо амалӣ мегарданд. Ҳамзамон, афзудани талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ ба гази табиӣ, муайян намудани захираҳои нав, баланд бардоштани самарадории конҳои мавҷуда ва ба истифода додани конҳои навро тақозо менамояд.

Дар робита ба ин, пеши Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекнефтгаз» вазифаи куллан беҳтар намудани натиҷадории фаъолият ва ҷорӣ намудани равишҳои нав дар соҳа гузошта шудааст.

Тавре таъкид гардид, соли 2025 аз ҷониби корхонаҳои ҷомеа 25,2 миллиард метри мукааб гази табиӣ истихроҷ гардида, 56 чоҳи нав парма карда шуд, 29 чоҳ пурра таъмир гардид.

Дар солҳои 2026-2027 таъмин намудани сатҳи устувори истихроҷи гази табиӣ ва татбиқи зиёда аз 300 чорабинии геологӣ-техникӣ дар назар аст.

Дар тақдимот дар бораи вазифаҳои афзалиятноке, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо бояд иҷро шаванд, маълумот дода шуд.

Аз ҷумла, ба баланд бардоштани самарадории корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ ва геологӣ-техникӣ, зиёд кардани захираҳо ва таъмин намудани устувории ҳаҷми истихроҷ, инчунин такмили тартибу расмиёти харидҳо диққати махсус дода мешавад.

Ҳамчунин, тавассути коркарди амиқи газ бобати таъсисдиҳии занҷираи арзиши иловашуда, истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, ки ҷойгузини воридот шуда метавонанд, солимгардонии молиявии ҷамъият ва корхонаҳои он чорабиниҳо андешида мешаванд.

Дар фаъолияти ширкат баланд бардоштани самарадории амалиётӣ, бахусус, аз тасарруф баровардани дороиҳое, ки ба соҳа марбут нестанд, қатъ намудани пардохтҳои сарпарастӣ ва мақбулсозии хароҷот барои таъмини устувории молиявӣ ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардид.

Рақамисозии равандҳои истеҳсолӣ, ба таври густурда ҷорӣ кардани технологияҳои зеҳни сунъӣ дар соҳа, инчунин тақвияти низоми назорати дохилӣ ва комплаенс, назорати ҳаракати дороиҳои молиявӣ, масъалаи пешгирии коррупсия ва бархӯрди манфиатҳо низ ҳамчун самтҳои афзалиятноку муҳими фаъолияти ҷамъият муайян гардиданд.

Сарвари давлат ба масъулон супориш дод, ки иҷрои ҳамаи вазифа ва чорабиниҳои пешбинишударо бо ҳисобу китоби дақиқ, интизоми қатъӣ ва дар пояи ҷавобгарии шахсӣ таъмин намоянд.

Дар ҷараёни муаррифӣ ба ҳолатҳои техногенӣ, ки дар рафти корҳои геологӣ-ҷустуҷӯӣ, аз ҷумла дар вилояти Сурхондарё ба қайд гирифта шудаанд, низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Ин ҳолатҳо ҷузъи таркибиву табиии раванди ҷустуҷӯи майдонҳои нави ояндадор, пармакунии чоҳҳои амиқ ва омӯзиши қабатҳои геологӣ буда, чунин ҳолатҳо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ зиёд дучор меоянд. Таъкид шуд, ки дар кишвар дар чунин ҳолатҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Президент ба масъулон аз рӯйи пурзӯр намудани мониторинги доимӣ дар ҳудудҳое, ки тадқиқоти геологӣ гузаронида мешаванд, ҷорӣ кардани технологияҳои муосири назоратӣ ва диққати махсус ба таъмин намудани амнияти аҳолӣ супориш дод.

**ЎзА.**

# ТАДБИРИ ХАЙР ДАР АМАЛ

***Бо фаророрасии фасли зимистон орнитологҳо (паррандашиносон) ва шахсони фидоӣ бо корҳои ба рӯйхат гирифтани паррандаҳои обӣ машғул мешаванд.***

Аъзои клуби «Фламинго»-и Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар ин тадбир фаъол иштирок мекунанд.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки соли 1971 дар шаҳри Рамсари Эрон ба Конвенсияи байналхалқии барӯйхатгирии паррандаҳои обӣ имзо гузошта шуд. Ҳоло 168 кишвари ҷаҳон аъзои ин ташкилотанд.

– Имрӯзҳо дар тамоми дунё беш аз 15 ҳазор нафар орнитолог ва шахсони фидоӣ дар кӯлу ҳавзҳо, соҳили рӯду ботлоқзорҳо бо корҳои ҳисобу китоби паррандаҳои обӣ банд ҳастанд, – гуфт дотсенти факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Лайло Билолова. – Дар ин кори неку хайр аъзои клуби «Фламинго» низ саҳмгузоранд, зеро дар вилояти Самарқанд чанд кӯлу ҳавзҳои гуногун арзи вуҷуд дошта, паррандагони кӯчӣ зимистонгузаронӣ мекунанд. Мухлати кӯчи паррандаҳо ба тарзи хӯрокхӯрӣ, бехатарӣ, обҳои тоза низ вобаста аст.

Дар дунё қариб 86 ҳазор намуди паррандаҳо мавҷуд буда, дар Ўзбекистон тақрибан 350 намуди онро ба рӯйхат гирифтаанд.

Аз рӯйи маълумотҳо дар кӯлу ҳавзҳои кишвари мо 130 намуди паррандаи обӣ мавҷуд буда, 20 намуди онҳо ба Китоби Сурхи байналхалқӣ дохил шудаанд.

– Мо дар рӯзҳои истироҳат асосан дар обанборҳои Каттақӯрғон ва Чимқӯрғон корҳои илмӣ бурда, дониши назариявӣ ва амалиро пайваст менамоем, – афзуд Л.Билолова. – Аксарияти аъзои клуб донишҷӯёни факултаи биологияи донишгоҳ мебошанд.

Мақсади мо нигаҳдории паррандаҳои обӣ ва эҳёи табиат аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# НАҚШАҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИВУ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ҶИЗЗАХ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев оид ба натиҷадории ислоҳоте, ки дар вилояти Ҷиззах амалӣ мегарданд ва вазифаҳои афзалиятноки минбаъда ҷамъомад гузаронд.***

Дар натиҷаи ислоҳот ва чорабиниҳои бонизоме, ки тӯли солҳои гузашта идома ёфтанд, дар иқтисодиёти вилоят дигаргунии сохторӣ ба амал омад. Дар натиҷа, минтақа аз соҳаи аграрӣ ба саноати гуногун, хидматрасонӣ ва агрокластерҳои муосир ихтисос ёфт. Драйверҳои нави рушд дар соҳаҳои нассоҷӣ, масолеҳи сохтмон, автомобилсозӣ, электротехника ва сайёҳӣ ташаккул ёфтанд.

Дар маҳсулоти умумии минтақавӣ ҳиссаи саноат аз 9,1 то 18,8 фоиз афзуд, дар ҳоле ки ҳиссаи кишоварзӣ аз 50 то 36 фоиз коҳиш ёфт. Инчунин, сатҳи бекорӣ ва нодорӣ мутаносибан 4,9 ва 5,8 фоиз кам шуд, ҳаҷми содирот 1,8, хидматрасонӣ 1,6 ва истеҳсоли саноатӣ 1,9 баробар зиёд гардид.

25 лоиҳаи бузург ва 533 лоиҳаи миёнаву хурди сармоягузорӣ роҳандозӣ ва 1,4 миллиард доллар сармояи хориҷӣ азхуд карда шуд. Шумораи корхонаҳои содиротӣ ба 160 адад расида, ҳаҷми содирот 285 миллион долларро ташкил кард.

Дар ҷамъомад нақшаҳо оид ба минбаъд кам кардани сатҳи нодорӣ ва бекорӣ, ноил шудан ба рушди босуръат дар соҳаҳои саноат, хидматрасонӣ ва кишоварзӣ баррасӣ шуданд.

Бахусус, дар солҳои 2026–2027 ба 8,5 фоиз расонидани суръати афзоиши маҳсулоти умумии минтақавӣ, то 8 фоиз зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот дар саноат, ҷалби 5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ва ба 500 миллион доллар расонидани ҳаҷми солонаи содирот ба нақша гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки агар дар солҳои гузашта сармоя асосан ба истихроҷи ашёи хом ё истеҳсоли ҷамъоварии оддӣ сарф шуда бошанд, минбаъд ба лоиҳаҳои саноатии дорои арзиши иловашудаи баланд равона хоҳанд шуд.

Ғайр аз ин, соли ҷорӣ то 4,6 фоиз поин бурдани сатҳи бекорӣ, ба 2,8 фоиз фаровардани нодорӣ ва ба минтақаҳои бидуни ҷиноят табдил додани 182 маҳалла дар назар аст.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки ба ин ҳадафҳо бидуни ихтисосонидани амиқи маҳаллаҳои вилоят наметавон ноил шуд.

Ба ҳамин муносибат, дар ду соли оянда дар вилоят модели нав рушд хоҳад кард. Афзалиятҳои нисбии 304 маҳаллаи минтақа таҳлил гардида, барномаи амиқи ихтисосонидани онҳо дар самтҳои боғдорӣ, чорводорӣ, сабзавоткорӣ ва полизкорӣ, саноат, хидматрасонӣ ва сайёҳӣ таҳия гардид.

Дар доираи барнома дар 5 ҳазор гектар боғу токзори кӯҳна ниҳолҳои сертификатшуда шинонда мешавад, дар 4,6 ҳазор гектар плантатсияҳои саноатӣ бунёд мегардад, дар 10 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ ва иҷора маҳсулоти серҳосил ва содиротӣ парвариш карда мешавад, зоти 101 ҳазор сар чорво нав гардида, 5 микромаркази саноатӣ ва 6 маҷмааи бузурги сайёҳӣ таъсис меёбад, инчунин дар маркази ҳар як ноҳия боғҳои истироҳатӣ ва кӯчаҳои серҳаракат сохта мешавад.

Дар ҷамъомад барои таҳкими инфрасохтори лоиҳаҳои "драйвер" дар соли ҷорӣ ҷудо намудани 200 миллиард сӯм муқаррар гардид. Тӯли солҳои 2026-2027 бо мақсади рушди саноат лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ ба маблағи умумии 2,7 миллиард доллар татбиқ хоҳанд шуд. Дар ин раванд зарурати истифодаи босамари конҳои сурб-руҳ, волфрам, тилло ва дигар маъданҳои ғайриметаллӣ таъкид гардид.

Зимни муаррифии лоиҳаи парки илмӣ-саноатии кишоварзӣ дар ноҳияи Зомин, зикр гардид, ки бо коркарди ҷуворимакка роҳандозии иқтидорҳои истеҳсоли шарбати босифати фруктоза ва аллюлоза пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар соҳаи кишоварзӣ харидии чорвои зотӣ, рушди шутурпарварӣ ва чораҳои таҷдиди канали «Ҷайилма» баррасӣ гардид.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки ҳангоми ривоҷ додани вилоят, дар асоси равишҳои махсус намоён кардани иқтидори минтақаҳои кӯҳӣ ва биёбонӣ муҳим аст. Аз ҷумла, соли ҷорӣ таҳияи барномаи сесола бобати мавриди истифода қарор додани 25 ҳазор гектар заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳо, инчунин корбурди босамари даштҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҷамъомад иқтидори сайёҳии вилояти Ҷиззах низ таҳлил гардид. Зикр шуд, ки маҷмӯи кӯлҳои Айдар-Арнасой ва имкониятҳои ноҳияҳои Бахмал, Фориш, Зафаробод, Шароф Рашидов ва Ғаллаарал пурра истифода намешаванд.

Бинобар ин, нақшаҳои таъсиси маҷмааҳои сайёҳӣ дар ин ноҳияҳо, васеъ намудани фурудгоҳи Арнасой, бунёди маҷмааҳои савдо-хидматрасонӣ дар канори роҳҳои байналмилалӣ баррасӣ гардиданд.

Соли ҷорӣ барои сохтмони иншооти иҷтимоӣ, роҳҳо, шабакаҳои оби нӯшокӣ, партовоб ва барқ дар маҳаллаҳо 30 миллион доллар ва соли оянда боз 10 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Бо ин маблағ дар 14 маҳалла иншооти иҷтимоӣ, 105 километр роҳҳое, ки 28 маҳаллаи дурдастро ба ҳам мепайванданд, барои аҳолии 9 маҳалла ба масофаи 50 километр шабакаи оби нӯшокӣ ва барқ, инчунин 65 километр шабакаи обҳои партови 13 маҳалла таҷдид ва таъмир карда мешавад.

Дар самти шаҳрсозӣ дар асоси банақшагирии фазоӣ таҳияи нақшаи генералии ноҳияҳои Бахмал, Зафаробод ва Ғаллаарал пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, рушди шаҳри Ҷиззах ва ноҳияи Шароф Рашидов ҳамчун минтақаи ягонаи агломератсионӣ таъмин мегардад. Дар нақшаи асосие, ки бо ин мақсад таҳия шудааст, барои кам кардани танбашавиҳо дар дохили шаҳр сохтмони роҳи даврии 10-километра, роҳандозии низоми ягонаи нақлиёти ҷамъиятӣ байни шаҳр ва ноҳия, инчунин тавассути бунёди бинои ягонаи маъмурӣ ба як ҷой кӯчонидани ташкилотҳо дар назар аст.

Дар анҷоми ҷамъомад ба масъулон супориш дода шуд, ки татбиқи ҳар як лоиҳаро дар доираи рушди минбаъдаи вилоят дар ҳамбастагӣ бо таъмини шуғл ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин намоянд.

**ЎзА.**

# ДАР СУРХОНДАРЁ «МАЙДОНИ САБЗ» БАРПО МЕШАВАД

***Дар доираи иҷрои вазифаҳое, ки перомуни Муроҷиатномаи Президенти Ўзбекистон ба Олий Маҷлис ва халқи кишвар амалӣ мегарданд, дар вилояти Сурхондарё барои таъмин ва беҳсозии муҳити экологӣ, пешгирӣ намудани чангу ғубор баҳри бунёди «Майдони сабз» 10 ҳазор гектар майдон ҷудо гардида, дар ин самт корҳои пурсамар бо суръат давом дорад.***



Вилояти Сурхондарё бо иқлими мусоиду замини ҳосилхез, фаровонии захираи обу халқи меҳнатпарвараш фарқ карда меистад. Аз ин сабаб ба кадом гўшаи воҳа қадам гузоред, албатта, боғу роғҳои дилкушо, саҳрову киштзорҳои пурсабз, мавзеъҳои обод ба чашмони бинанда нуру ба дилҳо завқ мебахшанд. Ҳар меҳмоне, ки аз ин диёри ҷаннатосо дидан мекунад, албатта, рўҳаш болида, чеҳрааш шукуфон мешавад. Вале дар байни мардум «шамоли афғон» ном иборае ҳаст, ки бо шунидану дидани он табъи ҳам мардуми муқимӣ хира мешаваду ҳам меҳмоне, ки ин ҷо ташриф меоварад, дилозурда. Зеро вақти бархестани «шамоли афғон» аввал қисми ҷанубии вилоятро саросар чангу ғубор фаро мегираду пасон ҷониби шимол паҳн мешавад. Албатта, ин ҳодисаи табиӣ аст, вале бо табиат муросо намуда, ба он ғамхорӣ зоҳир карда, метавон пеши роҳи ин чангу ғуборро гирифт ё худ каме бошад ҳам таъсиру зарари онро коҳиш дод.

Маълум, ки қариб ду сол инҷониб дар кишварамон амалисозии лоиҳаи умумимиллии «Майдони сабз» бо ҷадал идома дорад. Дар вилояти Сурхондарё низ дар ин бобат як қатор корҳои самарабахш ба сомон расонида шуд. Алалхусус, барои коҳиш додани таъсиру зарари чангу ғубори «шамоли афғон» лоиҳаи «камарбанди сабз» ва боз як қатор лоиҳаҳои назаррас амалӣ шуда истодааст.

Дар асоси Муроҷиатномаи Президент ва супориши ҳокими вилоят дар доираи лоиҳаи мазкур 10 ҳазор гектар майдон ба ҳудуди сабз табдил дода мешавад. Дар ҳудуди ноҳияи Ангор аз тарафи 15 шаҳру навоҳии вилоят 89,41 гектар, аз ҷониби ташкилоту маҷмуаҳои ҳокимияти вилоят 101,8 гектар, инчунин ба шохобчаҳои гази метан 96,6 гектар, ҷамъ 287,81 гектар майдон ҷудо гардида, заминҳо ба ниҳолшинонӣ тайёр ва мавсими кўчатшинонӣ низ оғоз гардидааст.

Барои пешгирӣ кардани чангу ғубор ва реге, ки дар натиҷаи «шамоли афғон» бармехезад, дар маҳаллаи Қорақири ноҳияи Ангор 104 гектар ва дар мавзеи Каттақуми ноҳияи Тирмиз 1100 гектар замин «Майдони сабзпўш» барпо карда мешавад. Дар ҳудуди маҳаллаи «Паттакесар»-и ноҳияи Тирмиз бошад, 5,84 гектар ва ҳудуди маҳаллаи «Янгиобод»-и ноҳияи мазкур 47,1 гектар майдон ҷудо гардида, барои барпо кардани «камари сабз» қарор қабул карда шудааст. Инчунин, дар ҳудуди маҳаллаи «Халқобод»-и ноҳия дар қад-қади шоҳроҳи М-39 дар 8 гектар майдон «Макони сабз» бунёд мегардад. Ба қарибӣ дар ин ҳудуд бо иштироки қувваҳои кории ташкилоту корхонаҳо, аҳолии ҳаваскор, ҳафтгонаи маҳаллаҳо ҳашари умумихалқӣ гузаронида шуда, 4000 ниҳоли манзаравӣ шинонида шуд.

Бояд тазаккур дод, ки харитаи лоиҳаи мазкур барои бунёди 10 ҳазор гектар «Майдони сабз» пурра тарҳрезӣ ва тасдиқ гардидааст ва шинонидани кадом навъҳои ниҳолҳо низ интихоб шудааст.

Бунёди ҳудудҳои сабз аз як тараф барои пешгирӣ ё худ коҳиш додани таъсиру зарари чангу ғубор бошад, аз дигар тараф обод сохтани қад-қади шоҳроҳи Тирмиз – Ангор – Шеробод мебошад. Барои амалӣ сохтани ин лоиҳаҳо техникаи хоҷагии қишлоқ, қувваҳои корӣ ҷалб карда шудаанд. Корҳои ободонӣ дар ин самт ба мутасаддиҳои соҳа пурра вобаста гардида, сарҳисоби корҳои амалишаванда таҳти назорати ҳокимияти вилоят қарор дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

*Муносибат*

# КОРРУПСИЯ – БАДТАРИН ИЛЛАТИ ҶОМЕА

***Президент дар Паёми худ ба парлумон ва мардуми кишвар коррупсияро таҳдиди асосӣ ба рушди давлат ва эътимоди мардуми кишвар арзёбӣ кард. Вай боз таъкид варзид, ки коррупсия ҳатто адолат ва қонуниятро халалдор мекунад ва фазои эътимод дар ҷомеаро куллан барҳам мезанад.***
***– Иҷозат додан ба коррупсия хиёнат ба ислоҳоти мост! Мо барои мубориза алайҳи ин вабо дар соли 2026 «ҳолати фавқулодда» эълон хоҳем кард!» – гуфт сарвари давлат.***

Тавре ки аз суханони ў бармеояд, ҳанўз дар кишварамон ҳолатҳои коррупсионӣ ва вайрон кардани қонун ба қайд гирифта мешаванд, барои ҳамин ҷиҳати бартараф кардани он дар тамоми идораву ташкилот ва корхонаҳо ҷиддан бояд чораҷўӣ кард. Дар акси ҳол самаранокии корҳои зиддикоррупсионӣ аз эҳтимол дур хоҳад буд.

Дар ҳамин ҳол дар вилояти Фарғона ду ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳолати аввал ҷанбаи беҳбуди кор дар мубориза бо фасодро нишон медиҳад, вале ҳолати дувум баёнгари акси ин ҳолат мебошад ва ҳанўз нигарониҳои ҷиддиро дар байни ҷомеа ба бор овардааст. Дар ин росто мубориза бояд шиддатноктар шавад, то ки як идда гунаҳкорон мавриди пайгарди қонунӣ қарор гиранд ва дигарон ҳушёр шаванд, ки мавриди пайгард қарор нагиранд.

Ногуфта намонад, ки дар лоиҳаи барномаи давлатӣ як қатор вазифаҳо дар самти мубориза бо коррупсия муқаррар шудаанд. Аз ҷумла, гузаронидани инвентаризатсияи беш аз 2 ҳазор санади қонунгузорӣ, ки муносибатҳои иҷтимоии асосиро танзим мекунанд ва аз байн бурдани низоъҳо, номувофиқатиҳо, муқаррароти «норавшан» ва дигар омилҳоеро мадди назар доранд, ки боиси коррупсия мегарданд. Инчунин ҷорӣ кардани институти масъулияти сиёсии роҳбарони мақомоти давлатӣ барои хато ва камбудиҳои ҷиддӣ дар фаъолияти идора ё низоме, ки онҳо роҳбарӣ мекунанд, таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст.

– Ҳоло дар назди Агентии мубориза бо коррупсия Шўрои ҷамъиятӣ ташкил шудааст, ки аъзои он аз 25 нафар иборат аст. Онҳо кормандону мутахассисони соҳаҳои гуногун, мисли ҳомиёни ҳуқуқи башар, журналистон, адвокатҳо, депутатҳо, соҳибкорон, санъаткорон, устодони муассисаҳои таълими олӣ, ҳуқуқшиносон ва амсоли он мебошанд, – мегўяд сармутахассиси дафтари матбуоти Агентии мубориза бо коррупсия Фирўза Мирзокомилова.

Ба гуфтаи ў, дар саросари вилояти Фарғона кормандони масъуле, ки Агентии зиддикоррупсионӣ дар идораву ташкилотҳо ва корхонаҳо таъин намудааст, талош ба харҷ медиҳанд, ки татбиқи «Барномаи ҳамаҷонибаи тадбирҳо оид ба табдил додани вилоят ба минтақаи озод аз коррупсия ва ҷинояткорӣ тавассути роҳҳои ҳалли муосир ва фароҳам овардани муҳити таҳаммулнопазирӣ нисбат ба онҳо дар байни аҳолӣ» дар амал татбиқ гардад.

– 5 марти соли гузашта дар ҷаласаи васеи Шўрои миллии мубориза бо коррупсия вазифаҳои аввалиндараҷаи мубориза алайҳи коррупсия муайян карда шуданд. Аз ҷумла, дар ҷаласа ба прокурорҳо як қатор вазифаҳо оид ба муайян кардани мушкилоти фаврӣ ва системавии марбут ба коррупсия ва тақвияти чораҳо барои бартараф кардани онҳо гузошта шуданд. Дар асоси ин вазифа, «харитаҳои роҳ»-ҳо, ки бахшҳо ва соҳаҳоро дар бар мегиранд, барои пешгирии коррупсия дар сатҳи вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо, бахусус аз байн бурдани коррупсияи хонаводагӣ таҳия ва амалӣ карда шуданд, – мегўяд ҳамсуҳбати мо.

– Як қатор тадбирҳои мусбат барои муайян, бартараф ва оммавӣ кардани омилҳои коррупсионӣ андешида мешаванд. Аз ҷумла, дар филиали минтақавии Маркази тиббии илмӣ-амалии кардиологияи вилояти Фарғона равандҳои бақайдгирӣ, муоинаҳои тиббӣ, амалиёти ҷарроҳӣ ва ҳисоб кардани доруҳои истифодашуда пурра рақамӣ карда шуданд. Дар натиҷа, даромади миёнаи моҳонаи ин муассиса аз 350 миллион сўм то 2 миллиард сўм афзуд, музди миёнаи моҳона аз 2,5 миллион сўм то 10 миллион сўм боло рафт ва музди баландтарин ба 20 миллион сўм расонида шуд, – ба суханаш идома дод Фирўза Мирзокомилова.

Маълум шуд, ки музди миёнаи духтури ташхиси функсионалӣ У. Абдуллоев 7,3 миллион сўмро ташкил медиҳад, аммо пас аз рақамӣ кардани муассиса, маоши ў ба 19,9 миллион сўм расидааст. Ҳамчунин, ҳангоми таҳлили пурсишҳо ва муроҷиатҳое, ки дар бахши тиббӣ бо ташаббуси прокурори ноҳияи Бувайда гузаронида шудаанд, муайян гардидааст, ки аз 450 муроҷиати дар тўли якуним соли охир дар ин бахш воридшуда, 87-тоаш ба норозигӣ аз амалҳои кормандони тиб дар шуъбаи таваллуд ва 45-тоаш ба коррупсияи хонаводагӣ алоқаманд мебошанд, ки маҳз дар ин шуъба содир шудааст.

Бино ба маълумоти дафтари матбуоти агентӣ дар шуъбаи таваллуди иттиҳодияи тиббии ин ноҳия 16 камераи видеоӣ ва назоратӣ насб карда шуданд, қабулгоҳи шўъбаи таваллуд мустақиман ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайваст карда шудааст.

Дар вилоят барои ташаккул додани фазои таҳаммулнопазирӣ нисбат ба фасоди ноболиғон, барномаи омўзишии захираҳои ҷаҳонии GRACE (манбаи ҷаҳонии маорифи зиддифасод) дар 19 мактаби миёнаи умумӣ ба таври намунавӣ ташкил карда шудааст. Дар радифи он, дар доираи лоиҳаи «Мактаби бехатар ва холӣ аз коррупсия» дар 51 мактаби вилоят системаи «Face–ID» амал мекунад. Дар мактаби рақами 10-уми шаҳри Фарғона системаи огоҳкунии «SMS» камераҳои назоратӣ ва «PTZ» насб карда шудаанд, 95 нафар директори мактаб ва 87 нафар мудири кўдакистон вазифадор гардидаанд, ки ба тавсияҳо қатъиян риоя кунанд.

Барои аз байн бурдани омилҳои коррупсия дар фаъолияти бозорҳо ва пешгирии иқтисоди сояафкан, фаъолияти 2 бозори деҳқонӣ ва истгоҳҳои шаҳрҳои Фарғона ва Марғелон пурра рақамӣ карда шудаанд.

Ногуфта намонад, ки барои татбиқи лоиҳаи «Минтақаи бефасод ва беҷиноят» дар ноҳияи Қува низ барномаҳои алоҳидаи чораҳо таҳия ва амалӣ карда шудаанд.

– Боз як масъалаи дигар фаъолияти гурўҳҳои корӣ оид ба масъалаҳои пешгирӣ ва мубориза алайҳи коррупсия, ташаккули муҳити таҳаммулнопазирӣ нисбат ба ин вабо ва татбиқи чораҳо дар дохили ҳар як бахш ва самти Барнома бо иштироки масъулон мебошад, – мегўяд Мирзокомилова.

Гузашта аз ин, барои таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 21 апрели соли 2025 «Дар бораи чораҳои ташкили самараноки иҷрои вазифаҳои афзалиятноки муқарраршуда оид ба такмили минбаъдаи низоми мубориза бо коррупсия», бо ташаббуси прокурори ноҳияи Фарғона масъалаҳои пешгирӣ ва муборизаи сахт бо коррупсия, аз байн бурдани коррупсияи хонаводагӣ ва ташаккули муҳити муносибати оштинопазир нисбат ба коррупсия як қатор корҳои ҷиддӣ ба сомон расидаанд.

Дарвоқеъ, 1,4 миллиард сўм субсидия дар ин вилоят азхуд карда шудаанд. Барои ҳамин агентӣ хароҷоти мақсадноки субсидияҳоеро омўхтааст, ки дар вилоят тибқи Қарори Девони Вазирон аз 22 июли соли 2023 ҷудо карда шудаанд. Инчунин дар як қатор ноҳияҳо таҷҳизот ба маблағи 309,4 миллион сўм ба 37 соҳибхона таъмин карда шудааст. Ғайр аз ин, дар маҷмўъ 335,0 миллион сўм субсидия ба одамон беасос ҷудо карда шудааст.

Барои ҳамин таҳти маводи ҷамъовардашуда Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералӣ тибқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноӣ парвандаи ҷиноӣ оғоз кардааст ва айни замон тафтишоти пешакӣ идома дорад.

Барои ошкор ва пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатӣ идораҳои марбута як амалиёти фаврӣ анҷом додаанд. Гуфта мешавад, сардори шуъбаи мубориза бо коррупсия ва назорати риояи қонунҳои Ҷамъияти саҳҳомии Корхонаи шабакаҳои барқи минтақавии вилоят ҳангоми гирифтани ҳазор доллар аз сармуҳандиси корхонаи шабакаҳои барқи яке аз ноҳияҳо бо далелҳои шайъӣ дастгир карда шудааст. Дар рафти тафтишоти пешакӣ маълум шудааст, ки сардори шуъбаи кадрҳои корхонаи мазкур низ дар ин амали ғайриқонунӣ даст дорад. Айни замон ин ду нафар тибқи чанд моддаи Кодекси ҷиноӣ паси панҷараи зиндон равона карда шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ПАЁМИ ПУРМУҲТАВО

Паёми навбатии сарвари мамлакатамон мисли паёмҳои пешинааш пурмуҳтаво буд. Он ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагии моро, аз ҷумла, соҳаи таълими халқро фаро гирифт. Ба мушоҳида мерасад, ки роҳбари давлатамон на танҳо дар паёмҳои худ, балки дар дигар мавридҳо низ ба сифати таълим ва мактабу маориф таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Аз ҷониби ў доир ба баланд бардоштани сифати таълим, навсозии сохтори он ва дастгирии педагогҳо як қатор фармону қарорҳои созанда ба тасвиб расидаанд, ки дастуламали ҷамоаҳои омўзгориянд. Дар байни асноди доиргардида Қонун «Дар бораи таълим», рушди таълими томактабӣ ва мактабӣ, вусъат бахшидани фарогирӣ бо таълими олӣ ва ҷорӣ намудани стипендияи ба номи Абдулло Авлонӣ аҳамияти муҳим касб менамояд. Боиси хурсандист, ки ба хотири баланд бардоштани сифати таълим сол то сол маоши омўзгорон зиёд мегардад, ба аз худ намудани таҷрибаи созандаи мутахассисони хориҷӣ эътибор дода мешавад. Дар паёмҳои пешина дар бахши мактабу маориф бисёр нақшаҳо ва корҳои созандагӣ ба миён гузошта шуда буданд, ки дар ҳар қадам ба татбиқи онҳо рў ба рў меоем.

Роҳбари давлатамон соли равонро «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон кард, ки ба тарбияю таълими насли ҷавон ва мактабу маориф иртиботи ногусастанӣ дорад. Зеро қисми зиёди аҳолии маҳаллаҳоро шогирдони мактабҳо ташкил медиҳанд. Масъулияти падару модарон дар тарбияи фарзандон ҳар қадар зиёд гардад, насли ҷавон асосҳои фанро хуб аз худ намояд, маҳалла рушд мекунад ва ҷамъият пеш меравад.

Вақте сарвари давлатамон гуфт: «Варзишгарони мо дар Бозиҳои параосиёии имсолаи ҷавонон иштирок намуда, бо 125 медали тиллоӣ, 77 нуқра ва 52 биринҷӣ дар байни давлатҳои иштирокдор натиҷаи аз ҳама баландтарро қайд карданд... Бидуни шубҳа, духтару писарони соҳибистеъдоди мо бо комёбиҳои азимашон дар соҳаи таълим, илму фан, маданият, санъат, варзиш ва ҳоказо ба пешрафти Ўзбекистони Нав саҳми муносиб мегузоранд. Донишомўзон ва донишҷўёни мо соли равон дар олимпиадаҳои фаннӣ 51 медали тилло, 101 нуқра, 126 биринҷиро ба даст оварда, дониш ва салоҳияти худро ба ҷаҳониён намоиш доданд. Ман ба чунин фарзандон, ки ифтихори халқу кишвар мебошанд, ба падару модар ва устодону мураббиёни онҳо бори дигар аз таҳти дил таҳсину офарин мегўям», вуҷуди маро ҳисси ифтихор фаро гирифт. Зеро ин дастовардҳо натиҷаи меҳнати омўзгорон ва мураббиёни фидоии кишвари мо буданд.

Маро дар паём як тағйироти тоза муттаваҷҷеҳ сохт, ки ба соҳиби касб гардидани ҷавононамон мусоидат менамояд. Аз ҷумла, роҳбари давлатамон таъкид намуд: «Акнун бозори меҳнати кишвари мо бояд бар асоси меъмории комилан нав – ҳамчун механизми ягонае, ки касб, тахассус, технология ва маорифро муттаҳид месозад, фаъолият намояд...

Аз соли 2026 ҳамасола на камтар аз 100 техникум пурра таъмир ва мутобиқи касбҳои технологӣ муҷаҳҳаз гардонда мешаванд. Шумораи техникумҳое, ки дар онҳо барномаҳои пешрафтаи таълими Олмон, Швейтсария, Бритониёи Кабир, Чин, Ҷумҳурии Корея ва дигар кишварҳо ҷорӣ шудаанд, ба 100 адад расонда мешаванд.

Соли 2026 дар 7 минтақа ва соли 2027 дар дигар минтақаҳо Техникуми маҳорати касбии пешрафта ва «Шаҳраки касбҳо» ба фаъолият оғоз мекунад».

Бале, аҷдоди мо ба соҳиби касбҳои зарурӣ гардидани насли ҷавон аз азал таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Дар замоне, ки кор бо технологияҳои пешқадам пеш меравад, таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон ба кор меоянд. Мо бояд, на ба тарзи нусхабардорӣ, балки бошуурона, бо назардошти талаботи дохилӣ ба таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон қаробат ҷўем ва ба амал онҳоро татбиқ намоем.

Таҷриба нишон медиҳад, ки рақамикунонии хидмат дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт натиҷаи матлуб мебахшад. Фикр мекунам, ки маърифати рақамикунонӣ аз мактаб оғоз меёбад. Пас, саҳми мактабҳо дар ин росто бояд назаррас бошад...

Ин суханони роҳбари давлатамон, ки дар охири паём изҳор дошт: «Агар мо якҷо, ҳамчун як халқ амал кунем, ҳатман ба ҳадафҳои бузурги худ мерасем. Ман ба халқи шуҷоъ ва олиҷанобӣ худ бовар дорам! Ман ба неру ва имкониятҳои бепоёни Ўзбекистон, ба ирода ва нерўи ҷавононамон эътимод дорам!» ба халқамон дар роҳи расидан ба мақсадҳои неку наҷиб неруи тоза мебахшад.

**Зулайхо БУРҲОНОВА,**
**омўзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 9-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё.**



*Дар вилояти Ҷиззах дар доираи қарори Президенти кишвар аз 5 апрели соли 2024 ҷиҳати баланд бардоштани даромад ва таъмин намудани шуғли ҷавонон тавассути ҷудо намудани замин корҳои самаранок амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Арнасой аз ҳудуди хоҷагии фермерии «Шерзод илғор агро» барои ҷавонон 6 гектар замин ҷудо гардида, парвариши карами брокколи ба роҳ монда шуд. Пас аз ҷамъоварии ҳосили гандум, моҳи августи соли гузашта дар қитъаи холишуда 450 ҳазор ниҳоли карами брокколи шинонда шуда буд. То имрўз 13 тонна ҳосил ҷамъоварӣ гардида, аз ҳар гектар то 15 тонна маҳсулот ба даст меояд.*

*Ҳамзамон, дар ноҳияи Пахтакор дар 5 гектар замини иҷора гулкарам парвариш гардида, аз ҳар гектар 15-20 тонна ҳосил гирифта мешавад. Маҳсулот ба бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Русия ва Қазоқистон, содир гардида, ҳар як иштирокчии лоиҳа то 160 миллион сўм даромад ба даст овард. Дар маҷмўъ, зиёда аз 5 ҳазору 700 нафар ҷавонон ба деҳқонӣ ҷалб шудаанд.*

***Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ЎзА).***

# НИПАХ – ВИРУСИ ХАТАРНОК

***Дар рўзҳои охир дар баъзе сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ хабарҳо паҳн мешаванд, ки гўё дар Ҳиндустон вируси Нипах ба таври густурда паҳн шуда, метавонад ба оқибатҳои вазнин оварда расонад.***



**Пас, вируси Нипах чист?**

Вируси Нипах тақрибан 30 сол пеш бори аввал ошкор гардида, ба гурўҳи вирусҳои хатарнок мансуб аст. Дар бисёр ҳолатҳо ин вирус пинҳонӣ ё бидуни нишона мегузарад. Аммо дар шаклҳои вазнини он илтиҳоби пардаҳои мағзи сар (менингоэнсефалит), вайроншавии фаъолияти ҷигар, гурда ва сипурз (талоқ), инчунин дар баъзе ҳолатҳо фавтидан низ ба мушоҳида мерасад.

Мутаассифона, то имрўз дар ҷаҳон бар зидди вируси Нипах ваксинаи махсус таҳия нашудааст. Муолиҷа асосан симптоматикӣ мебошад, яъне вобаста ба нишонаҳои бемор гузаронида мешавад.

**Вирус дар кадом ҳолатҳо мегузарад?**

Асосан, вирус тавассути кўршапаракҳо ва хукҳо мегузарад. Хусусан, истеъмоли мевае, ки аз ҷониби кўршапарак газида ё харошида шудаанд, ё робитаи наздик ва мунтазам бо ин ҳайвонот хатари сироятро зиёд мекунад.

Инчунин, дар баъзе ҳолатҳо вирус метавонад аз инсон ба инсон гузарад. Ин ҳолат бештар дар миёни нафароне, ки бо бемор робитаи зич доранд, ба қайд гирифта мешавад. Аз ҷумла, кормандони соҳаи тиб низ ба гурўҳи хавфнок дохил мешаванд.

**Оё эҳтимоли паҳншавии вирус дар Ўзбекистон вуҷуд дорад?**

Ба гуфтаи муовини аввали раиси Кумитаи санитарӣ-эпидемиологӣ ва саломатии ҷамъиятӣ Нурмат Отабеков, дар кишвари мо вазъи эпидемиологӣ вобаста ба вируси Нипах мўътадил буда, барои нигаронӣ ҳеҷ ваҷҳе вуҷуд надорад. Зеро эҳтимоли паҳншавии он дар қаламрави Ўзбекистон хеле паст аст.

Ҳамчунин, Созмони ҷаҳонии тандурустӣ таъкид менамояд, ки ин вирус дар миқёси ҷаҳон низ эҳтимоли ба вуҷуд овардани эпидемия ё пандемияи васеъро надорад.

Бо вуҷуди паст будани хатари воридшавии вирус ба кишвари мо, ба ҳамватаноне, ки ният доранд дар ин рўзҳо ба Ҳиндустон сафар кунанд, риояи чанд тадбири пешгирикунанда тавсия мешавад.

Аз ҷумла, риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, шустани дастон бо собун ё воситаҳои антисептик, пеш аз истеъмол хуб шустани мева ва сабзавот, нўшидани оби тозаву санҷидашуда, инчунин истеъмол накардани мевае, ки эҳтимол кўршапарак онҳоро газида ё харошидааст.

Дар сурати зоҳир шудани ҳарорати баланд, дарди шадиди сар ё дигар нишонаҳои беморӣ, фавран ба духтур муроҷиат кардан лозим аст.

Тибқи иттилои Хадамоти матбуоти Вазорати тандурустӣ, айни ҳол бо мақсади нигоҳ доштани суботи эпидемиологӣ ва пешгирии воридшавии бемориҳо аз хориҷ, дар 54 нуқтаи сарҳадии кишвар назорати доимӣ ба роҳ монда шудааст.

**Моҳигул ҚОСИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

*Дасти мадад*

***Зиндагӣ пур аз тасодуфҳост. Гоҳо инсон ногоҳ ба дарде гирифтор мешаваду ҳаёташ ба куллӣ тағъир меёбад. Яке модарзоду дигаре бо амри тасодуф маъюб мешавад...***

# БО ДАРДИ ДИГАРОН

Давлат ба ин тоифа шахсон ғамхорӣ мекунад. Дар ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳо ҷамъиятҳои маъюбон амал менамоянд, ки ин тоифа мардумро дар як ҷо муттаҳид мекунад.

Дар ҳудуди ноҳияи Узун 7629 нафар ба қайди маъюбон дохил шудаанд. Аз онҳо 350 нафар ба ҷамъияти мазкур аъзо мебошанд. Ба он марди нек Абдумалик Бобоев роҳбарӣ мекунад. Ў ҳам замоне бе дарду беранҷ ва муаллими мактаб буд. Вале дучори бемории дил шуду ҳамааш дигар гашт.

Ў зодаи деҳаи Обизаранг (Қизилойи собиқ) мебошад. Соли 1958 дар ҳамин деҳаи зебоманзар таваллуд ёфтааст. Мактаби миёнаи рақами 33-юмро (ҳоло 13) хатм намуда, таҳсилро дар факултети математикаи Донишгоҳи омўзгории Душанбе давом дод. Рўзона кор мекарду шабона мехонд. Дар ин муддат хидмати ҳарбиро ҳам адо намуд. Соли 1983 бо дипломи омўзгорӣ ба деҳа баргашт. Чанд муддат дар мактабҳои рақами 45 ва 71-уми ноҳияи Сариосиё муаллимӣ кард. Соли 1986 корро дар мактаби деҳаи худаш давом дод. Тани гарм бедард намешавад. Ў дучори бемории дил шуду соли 2003 ба фаъолияти омўзгориаш нуқта гузошт ва ба нафақаи маъюбӣ баромад.

Чанд муддат худро даво кард, дарди шадид андаке гўё таслим шуд. Соли 2016 ўро ба Ҷамъияти маъюбон ба кор даъват карданд. Аз ҳамон вақт инҷониб бо мардумони муҳтоҷи меҳр сарукор дорад. Аз аҳволашон хабар мегирад, кумакҳои моддӣ ташкил мекунад. Соле як ё ду бор онҳоро ба сайру саёҳат ба шаҳрҳои таърихии ватанамон даъват мекунад. Дили онҳоро шод кардан мехоҳад. Хуб медонад, ки дилеро шод кардан беҳтарин корест ва беҳуда нагуфтаанд: «Каъба чӣ меравӣ, дилеро дарёб».

Ҳоло чашмонаш камбин шудаанд. Чанд амалиёти ҷарроҳӣ ҳам он қадар ёрӣ надод. Бо вуҷуди ин, сабру қароре надорад. Мехоҳад, ки аз ҳоли беморон хабар гирад, ба шахсоне, ки иқтидори меҳнат кардан доранд, бо кор таъмин намояд. Дастовезе гираду равад, дили ранҷуреро ба даст орад.

Абдумалик Бобоев як марди мулоимтабиат, нармгуфтор аст. То рўзҳои наздик дар ҷамъият бе маош кор мекард. Ҳатто идораашон як ҷои муқаррарӣ надошт. Шукр, ҳоло ҳамааш хуб аст. Бо саъю кўшиши ў ташкилотҳои давлатӣ ба маъюбон ёрии моддӣ мерасонанд. Ба сокинони маҳаллаи Қарашиқ Фарида Худойбердиева, Санобар Шарипова ва Зўҳро Холбобоева дар таъминоти маишӣ, дорую дармон ва таъмири хона ёрии амалӣ расонда шуд. Сокини маҳаллаи Ҷончека Маҳбуба Қармишева, ки як кўдакаш маъюб асту шавҳараш чандин сол инҷониб ба мардикорӣ рафта бедарак шудааст, ба туфайли ҷамъият ва саъйу ҳаракати ин марди кордон соҳиби замин гардид.

«Аз нек боғ...» мегўянд дар урфият. Ҳоло Абдумалик Бобоев боғбони моҳирест, ки ба ободӣ мекўшад.

**Интизор ТАҒОЙМУРОДОВА,**
**омўзгори мактаби рақами 15-уми ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.**

*Машъалони маориф*

# МАКТАБИ МУОСИР – ТАЪЛИМ БО НИГОҲ БА ФАРДО

***Муваффақияти ҳар як муассисаи таълимӣ на танҳо аз омодагии касбии кормандони он, балки аз гуногунрангӣ ва муҳимтар аз ҳама, роҳҳои инноватсионии кор, ҷорӣ намудани усул ва технологияҳои нави таълим вобаста аст. Равандҳои инноватсионии таълим ба яке аз самтҳои стратегӣ ва омили муҳимтарини рушди ҳар як мактаби муосир табдил ёфта, рақобатпазирии онро дар байни дигар мактабҳо таъмин мекунад.***



***Дар сурат: Карима АББОСХОНОВА** (аз чап якум).*

Омӯзгорони боистеъдод, хонандагони боғайрат ва таҳсили босифат калиди муваффақияти муассисаи таълимӣ мебошад. Нақши роҳбари мактаб бошад, дар самти рушди таълиму тарбия ниҳоят муҳим ва ҳалкунанда аст. Ӯ фаъолияти омӯзгоронро ҳамоҳанг намуда, барои баланд бардоштани сифати таълим шароити мусоид фароҳам меорад. Илова бар ин, миёни волидон ва омӯзгорон пули эътимод месозад. Ба ҷаҳонбинӣ, масъулият ва малакаи роҳбарӣ бисёр ҷанбаҳои ҳаёти мактаб вобастаанд. Мактаби муваффақ пеш аз ҳама ба директори фаъол ва бомасъулият ниёз дорад.

Яке аз чунин роҳбарони пешқадам, ки мактабро ба муассисаи рақобатпазир ва мутобиқ ба талаботи замон табдил додааст, директори мактаби таълими умумии рақами 8-уми ноҳияи Косонсой Каримахон Аббосхонова мебошад.

Бо саъю кӯшиши сарвари мактаб, тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим, таҳлили дарсҳо, ташкили омӯзишҳои дохилӣ ва ҷорӣ намудани назорати сифат сатҳи таълим ва рейтинги мактаб дар ноҳия аввалин аст.

– Имрӯз таваҷҷуҳ ва муносибат ба омӯзгорон дар кишвари мо ба куллӣ тағйир ёфтааст, – мегӯяд К. Аббосхонова. – Рушди низоми мақориф ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, тамоми кӯшиш ва имкониятҳо барои ба даст овардани дониш ва касбҳои муосири насли наврас сафарбар карда шудааст. Бо зиёд шудани маоши омӯзгорон, додани қарзҳои имтиёзнок, муқаррар кардани иловапулӣ барои омӯзгорони баландихтисос нақш ва мақоми намояндагони соҳаи маориф боз афзоиш ёфтааст. Аз ин имкониятҳо ҷамоаи мактаби мо низ васеъ истифода бурда,барои навоварӣ талош мекунанд. Яке аз омилҳои муҳими пешрафти мактаб ҷамоаи омӯзгорони соҳибтаҷриба ва эҷодкор мебошад. Омӯзгорон дар курсҳои бозомӯзӣ иштирок намуда, таҷрибаи пешқадами таълимиро дар амал татбиқ мекунанд.

Аз ҷумла, муаллими синфи ибтидоӣ Соҳиба Толибҷонова, муаллими забони англисӣ Нигора Ғафурова ва муаллими забони ӯзбекӣ Мавлуда Абдухалиловаҳо дорои тоифаи олӣ ва сертификати миллӣ буда, ҳуқуқи гирифтани 70 фоиз иловапулиро ба даст даровардаанд.

Хонандагони мактаб дар олимпиадаҳои вилоятӣ аз фанҳои ҳуқуқ, информатика, таърих иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро ишғол карданд. Ин муваффақиятҳо далели равшани сатҳи баланди таълим ва тарбияи мактаб мебошад. Ғайр аз ин, мактаб дар рушди варзиш, фарҳанг ва фаъолияти иҷтимоии хонандагон низ натиҷаҳои назаррас ба даст даровардааст.

Дастаи мактаб ду сол инҷониб дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Чароғи сабз» ҷойи ифтихориро ишғол намуда, соҳиби ҷоиза мегардад.

Таҳти роҳбарии директори мактаб омӯзгорон бо татбиқи барномаҳои муосири таълимӣ ва истифодаи усулҳои инноватсионӣ сатҳи донишомӯзии хонандагонро пайваста баланд мебардоранд.

Президент Шавкат Мирзиёев ба соҳаи таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бо назардошти беҳтар кардани сифати таълими забонҳои хориҷӣ ва роҳнамоии мактаббачагон ба касбҳо таъкид мекунад: «Касбу забонро донистани хатмкунандагон комёбии бузурги ҷамъияти мост, мушкил дар надонистани онҳост», – гуфт Ш. Мирзиёев.

Бар асоси қарори дахлдори Сарвари давлат, ҳоло дар мактаб хонандагон дар омӯзиши касбӣ таҳсил мекунанд. Дар самти омӯзонидани дӯзандагӣ ба духтарон бо як субъекти соҳибкорӣ шартнома ба имзо расидааст ва беш аз 20 нафар духтарон дар давраи таҳсил даромад ба даст оварда, ба буҷаи оилаи худ кумак мерасонанд.

– Таълими забонҳои хориҷӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимтарини низоми муосири таълим мебошад. Ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷӣ сифати таълимро беҳтар ва равишҳои инноватсиониро васеъ менамояд. Усулҳои пешрафта тафаккури интиқодӣ, малакаҳои рақамӣ ва эҷодкориро инкишоф медиҳанд, – афзуд Каримахон Аббосхонова. – Тибқи амали Стратегияи рушди устувори Ӯзбекистон то соли 2030, ҳар сол ҷалб кардани 500 нафар донандагони забонҳои хориҷӣ ба таҳсил ба нақша гирифта шудааст. Имрӯз дар вилояти Намангон тақрибан 50 нафар омӯзгори хориҷӣ фаъолият мебаранд. Хурсандиовар аст, ки таҷрибаи онҳо шавқу рағбати ҷавононро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ афзун намуда, сифати таълим беҳтар мегардад.

Яке аз онҳо Сайфиддин Сайфуллоҳ аз Алҷазоир ба хонандагон аз фанни забони англисӣ сабақ медиҳад. Дар мактаб 1927 хонанда таҳсил мекунанд. Синфхонаҳо бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз буда, имкони кор бо ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ мавҷуд. Дар маҳфили забонҳои хориҷӣ 500 нафар хонандагон иштирок мекунанд, ки истифодаи усулҳои муосири таълим, тахтаҳои интерактивӣ раванди омӯзишро шавқовар ва муассир мегардонад.

Аз ин ҷо гуфтан мумкин аст, ки дар давраи роҳбарии К. Аббосхонова муассисаи таълимӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Хидматҳои шоёнаш аз ҷониби давлат ва ҷомеа баҳои баланд гирифтанд. Сазовор гардидани ӯ ба мукофоти давлатӣ – медали «Шуҳрат» ва нишони сарисинагии «Мустақилликнинг 30 йиллиги» ва бори сеюм интихоб гардидани ӯ ба депутатии шӯрои ноҳия далели равшани эътирофи заҳматҳои чандинсолаи муаллимаи пешқадам мебошад.

Имрӯз Каримахон Аббосхонова на танҳо роҳбари муваффақ, балки устод ва маслиҳатгари бисёре аз ҷавонон аст.

Бояд гуфт, ки ҷамоаи мактаб бо назардошти талаботи замон барои беҳтар намудани шароити таълим, такмили заминаи моддию техникӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ талош меварзанд. Ҳадафи асосӣ – тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст ва рақобатпазир дар ҷомеаи ҷаҳон мебошад.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Забондонӣ ҷаҳондонист*

***Ниёгони бузурги мо Ал-Хоразмию Ал-Тирмизӣ, Абӯрайҳон Беруниву Абӯалӣ Сино, Ал-Бухориву Баҳоваддини Нақшбанд, Умари Хайёму Мирзо Улуғбек, Мавлоно Ҷомию Алишери Навоӣ ва садҳо нафари дигар донандагони хуби забонҳо будаанд ва аз тариқи забондонӣ аз улуми халқҳои ҷаҳон огоҳӣ доштаанд. Аз ин рӯ, ба ду-се забон осори баландпояи илмӣ ва адабӣ мерос гузоштаанд. Маҳз онҳо Эҳёи якум ва дуюми тамаддуни Шарқро ба вуҷуд овардаанд, ки то ба имрӯз аҳли ҷаҳонро ба ҳайрат оварда, дар ҳаёти рӯзмарра мавриди истифода қарор гирифтанд.***

# ОРЗУҲОИ КӮҲНА ҶОМАИ АМАЛ МЕПӮШАНД

Пайравони ҳаракати ҷадидия низ донистани забонҳои хориҷиро барои тараққии саноат ва тиҷорат зарур ва муҳим медонистанд. Мақолаи «Лузуми донистан» дар нахустрӯзномаи аморати Бухоро «Бухорои шариф» (№ 28, аз 12 апрели соли 1912), ки бо имзои мустаори «Мим» «Ре» чоп шудааст, боиси таваҷҷуҳ мебошад. «... донистани забони хориҷӣ барои тараққии саноат ва тиҷорат бар мо фарз аст.»

Ӯ пешниҳод мекунад, ки дар мадрасаҳо таълими забонҳои хориҷӣ ҷорӣ карда шавад. Ин ҳақиқатро имрӯз замона тасдиқ мекунад.

Оре, таклифу пешниҳодоти маорифпарварони ислоҳотхоҳи Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷомаи амал напӯшид. Аммо имрӯз он ҳама орзую омол дар кишвари мо васеъ татбиқ мегардад.

Ислоҳоти созандаи соҳаи таълим дар Ӯзбекистон ҳама гуна имконот ва шароитро барои омӯзиш ва таълими забонҳои хориҷӣ муҳайё намудааст. Ин раванд аз муассисаҳои томактабӣ ибтидо гирифта, то муассисаҳои таълими олӣ давом дорад.

Чунончи, дар 25 муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии вилояти Навоӣ оид ба омӯзонидани забони фаронсавӣ лоиҳаи нави инноватсионӣ оғоз мешавад. Акнун муҳассилин имкон пайдо мекунанд, ки забони хориҷиро тавассути платформаи рақамии «Kokoro Lingua» омӯзанд.

Ин ташаббус дар пояи созишномаҳои байналмилалие амалӣ мешавад, ки дар доираи Ҳамоиши 19-уми Созмони байналмилалии Франкофония ба имзо расидаанд. Лоиҳа ба ҷорӣ намудани модели муосири омӯзонидани забонҳои хориҷӣ аз синни барвақт дар низоми таҳсилоти томактабӣ равона шудааст.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Бухоро машварати минтақавии омӯзишӣ баргузор гардид, ки ба таҳкими малакаи кор бо ин платформа нигаронида шудааст. Дар он ҳамоҳангсози лоиҳа Натали Лесселен, инчунин ҷонишинҳои директорон ва тарбиятгарони масъули муассисаҳои таълиму тарбияи интихобшуда аз вилоятҳои Бухоро ва Навоӣ иштирок намуданд.

Интизор меравад, ки лоиҳаи мазкур дар таҳсилоти томактабӣ аз ҷиҳати сифат ва мундариҷа ба тағйироти муҳим оғоз мебахшад.

Дар Ӯзбекистон ҳавасмандгардонии тарбиятгарон ва омӯзгорон хуб ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи моддаи 48-уми Қарори Девони Вазирон аз 17 сентябри соли 2021 агар тарбиятгар ва омӯзгор дар мавриди аз аттестатсия гузаштан 86 ва аз он зиёд хол ҷамъ намояд, баробари маош 70 фоиз иловапулӣ мегирад. Дар вилояти Навоӣ ҳангоми моҳҳои сентябр-декабри соли гузашта аз аттестатсия гузаштан 247 нафар омӯзгор соҳиби чунин имтиёз шуданд.

Омӯзгори фанни забони англисии мактаби рақами 18-уми ноҳияи Учқудуқ Карамаддин Низомаддинов аз овони наврасӣ ин касбро интихоб кардааст. Ба андешаи ӯ, омӯзгор танҳо донишдиҳанда набуда, шахсест, ки нисбати зиндагии хонанда бетафовут нест, ӯро дарк ва дастгирӣ карда метавонад.

Ӯ ҳамагӣ чор сол собиқаи корӣ дорад. Дар ин муддати кӯтоҳ соҳиби тоифаи олии тахассусӣ гардид, ҷоизаи «Бунёди вазир»-ро ба даст оварда ва ба гирифтани 70 фоиз иловапулӣ сазовор дониста шуд. То имрӯз зиёда аз 70 шогирди ӯ сертификат гирифта, ба донишгоҳҳои Ӯзбекистон ва хориҷӣ дохил шудаанд.

Алҳол омӯзгори учқудуқӣ беш аз 2000 доллар маош мегирад.

Самараи меҳнати чунин омӯзгорони заҳматкаш аст, ки алҳол сафи соҳиби сертификати донандаи забонҳои хориҷӣ мунтазам меафзояд. Чунончӣ, хонандагони синфи шашуми мактаби тахассусонидашудаи ноҳияи Навбаҳор Хондамир Ҳамидуллоев, Шоҳрух Шералиев ва Улуғбек Асадуллоев сазовори сертификати дараҷаи B2 гардидаанд.

Оре, беҳуда забондонӣ – ҷаҳондонӣ нагуфтаанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Фарзандони машҳури Косонсой*

# ОЛИМ ВА ТАЪРИХШИНОСИ МАЪРУФ

***Сарзамини бостонии Косон бисёр ашхоси номӣ, фозилу уламо ва шоиронро парвардааст, ки аксари онҳоро маърифатпарварони пешқадами ҷаҳон эътироф кардаанду номашонро бо эҳтиром ба забон мебаранд. Барои тасбити ин гуфта номҳои фақеҳи машҳури асри XII Мавлоно Алоуддин Масъуд ибни Аҳмади Косонӣ, олими фиқҳ ва арбоби давлатии салтанати Қарохониён Абунаср ибни Сулаймони Косонӣ, давомдиҳанда ва пешвои тариқати нақшбандия дар асрҳои XIV-XV Мавлоно Саййид Аҳмад ибни Саййид Ҷалолиддин Махдуми Аъзами Косонӣ, олим, шоир ва сайёҳи асри XV Маҳмуд ибни Валии Косонӣ, таърихшиноси асри XIX Муҳаммад Ҳакимхон Тӯра (муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих»), шоирони номдори асри XIX Муҳаммадшариф Узлати Косонӣ, Муҳаммад Амини Косонӣ, Партави Косонӣ, Атоуллоҳи Косонӣ ва дигаронро ба забон овардан кофист.***

Яке аз чунин фарзандон, ки дар хориҷи кишвар низ маъруфу машҳур гардидааст, Саййид Мубашширхон ибни Саййид Сулаймонхоҷаи Косонӣ ба шумор меравад. Саййид Мубашширхон соли 1929 дар маҳаллаи Дарвозақишлоқи шаҳри Косонсой, дар оилаи шахси соҳибмаърифату мулкдори калон Саййид Сулаймонхоҷа таваллуд ёфтааст. Ӯ баробари сармоядор будан, дар соҳаи фиқҳ дониши хуб доштааст. Солҳои сиюми асри гузашта, ки дар саросари кишвари шӯроҳо сиёсати коллективонӣ ва таъқибкунии шахсони бомаърифату сармоядор оғоз ёфт, ба сари аҳли оилаи Сулаймонхоҷа низ соя андохт. Соли 1930 падари Мубашширхонро чун сарватманди мулкдор ва душмани халқ дастгир ва молу мулкашро мусодира намуда, аҳли оилаашро ба ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд бадарға мекунанд. Соли 1933 ба сари оила боз як мусибат меафтад, падараш дар ҳабсхона аз азобу шиканҷа вафот мекунад. Хешованди Саййид Мубашширхон Саидаҳмадхон ӯро бо модараш ба деҳаи Қаймоқчӣ (ҳоло вилояти Кӯлоби Тоҷикистон) мекӯчонад. Дар ин ҷо ҳам онҳо ба таъқиб дучор мешаванд. Ҳукуматдорон Саидаҳмадхон ва аъзои оилаашро аз деҳа меронанд. Баъди оворагарию саргардониҳои зиёд онҳо ба деҳаи Қурбоншаҳид (ҳоло ноҳияи Восеи Тоҷикистон) қарор мегиранд ва дар хоҷагии ҷамоавии он ҷо ба кор сар мекунанд. Дар он солҳои пуртаҳлука бино ба сахтию душворӣ ва ночорию оворагардиҳо модару тағояш аз дунё мегузаранд. Баъди ин мусибат Саййид Мубашширхони бесаробон ҳамроҳи хешовандон ба кишвари Афғонистон фирор мекунад. Зиндагии ӯ баъди ин азобу уқубат гоҳ дар Афғонистон, гоҳ дар Ҳиндустон мегузарад. Ҳангоми истиқомат дар шаҳри Қундузи Афғонистон ба устои хайёт (либосдӯз) шогирд мешавад ва ин касбро мукаммал аз худ мекунад, ки барои таъмини зиндагии минбаъда аҳамияти калон дошт. Сипас, пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳамроҳи наздикон ба Арабистони Саудӣ кӯч мебандад ва дар шаҳри Тоифи ин кишвар Саййид Мубашширхон ба либосдӯзӣ шуғл меварзад. Ҳамон солҳо ба духтари ҳамватани муҳоҷираш Ҳоҷӣ Абдулатифи Марғилонӣ – Фотима хонадор мешавад. Онҳо соҳиби чор писару чор духтар мешаванд. Ҳарчанд аз хайётӣ зиндагии Саййид Мубашширхон хеле беҳтар буд, дар дили ӯ иштиёқу меҳри илмомӯзӣ, билхоса, омӯзиши таърихи кишвари худ ҷӯш мезанад. Бо ин мақсад ба мадрасаи шаҳри Тоиф дохил мегардад ва аз муаррихи номӣ Ибни Ямин ва дигар устодон таърих, забони арабӣ ва дигар илмҳоро меомӯзад. Вобаста ба омӯзиши таърих, алалхусус, таърихи Мовароуннаҳр дар дили Мубашширхон орзуву иштиёқи дидани Ватан бедор мегардад. Ӯ ҷиддан ба омӯзиши таърихи зодгоҳ ва умуман таърихи Осиёи Миёна шуғл меварзад. Бо ин мақсад ба кишварҳои Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафар мекунад. Дар китобхонаҳои он мамлакатҳо бо асарҳои олимони гуногуни ҷаҳон, билхоса, муаррихони Ӯзбекистон шинос мегардад ва барои тадқиқоти илмии худ маълумот ҷамъ меоварад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯйҳои пурмашаққат, ки беш аз 20 сол идома дошт, китоби сеҷилдаи «Таърихи Осиёи Миёна»-ро менависад ва ба табъ мерасонад. Ҷилди якуми китоб, ки «Таърихи Осиёи Миёна»(таърихи сиёсӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ) ном дошт, соли 1410 ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ ба 1989 милодӣ дар шаҳри Макка нашр шудааст. Он аз 351 саҳифа, 7 шуъба иборат буда, ҳар кадом чандин бобро дар бар мегирифт. Дар китоб тарзи зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, маданӣ ва таърихи давлатдории халқҳои муқими Осиёи Миёна аз давраҳои қадим то асрҳои IX-X таҷассум ёфтааст. Ҷилди дуюми китоб аз 394 саҳифа, панҷ шуъба ва якчанд боб ташаккул ёфтааст. Дар он муаллиф мулоҳизаҳои худро асосан аз хусуси таърихи халқҳои Осиёи Миёна – аз давлатдории Қарохониён то бар сари қудрат омадани Темуриён иброз доштааст. Тамоми ҷараёнҳои таърихи гузаштаро ба хубу бад ҷудо накардану новобаста аз сиёсату мафкура, холисона ва беғаразона иншо намудани асар аз ҷиҳатҳои фарққунандаи китоб ба шумор меравад. Дар ҷилди сеюми «Таърихи Осиёи Миёна» воқеаву ҳодисаҳои аз асри XV то давраи шӯравиён ифода гардидааст. Муаллиф воқеаву ҳодисаҳои пурдаҳшати солҳои табъиду таъқиби шахсони пешқадамро низ холисона ва ҳаққонӣ ба қалам додааст. Муаллиф саъю кӯшиши зиёде кардааст, ки афкори хешро аз нуқтаи назари илмӣ муътамад ифода кунад, таърихи воқеаҳо, сулолаву салтанатҳо равшану дақиқ ифода ёбанд.

Саййид Мубашширхони Косонӣ, тавре зикр шуд, шахси шоиртабиат ва дӯстдори шеърият ҳам буд, нафосату таровати шеърро ба хубӣ идрок мекард. Рисолаҳои ӯ дар соҳаи адабиётшиносӣ «Адабиёт ва тамаддуни даврони Ғазнавиён», «Шоир Қорӣ Раҳматуллоҳ», «Партави Косонӣ», «Мир Атоуллоҳи Косонӣ», «Таърихи муҳоҷирони Косонӣ» ва мақолаҳои илмиаш оид ба таърихи санъати даврони Темуриён алҳол дар дасти писараш Муҳаммадхони Косонӣ маҳфузанд.

Баъди ба истиқлол расидани диёри офтобрӯямон бисёр ҳамватанони сокини кишварҳои хориҷӣ имконияти боздид аз Ватани азизро ба даст оварданд. Онҳо ба Ватан баргашта, ба дидори хешовандону наздикони худ муяссар шуданд, орзуву армони чандинсолаашон амалӣ гардид. Аз ҷумла Саййид Мубашширхон бо аҳли оилаи худ ба Ватан, ба зодгоҳаш Косони бостонӣ омад. Бо қарибони худ мулоқот кард.

Саййид Мубашширхон солҳои охири ҳаёташро дар шаҳри Тошканд мегузаронад. Ӯ соли 1996 ба дорулбақо реҳлат мекунад, дар қабристони «Шайх Зайниддин»-и Тошканд дафн шудааст. Саййид Мубашширхон солҳои охири умр дар болои ҷилди чоруми «Таърихи Осиёи Миёна» кор мекард. Вале, мутаассифона, онро ба охир нарасонда дунёи рӯшанро тарк намуд.

Умед аст, ки асарҳои то ба мо нарасидаи ин донишманд тавассути фарзандон дар Ватанаш чоп мешаванд. Алъон хуб мебуд асари сеҷилдааш «Таърихи Осиёи Миёна» ҳарчи зудтар ба чоп расада, дастраси дӯстдорони таърихи Ватанмон гардад.

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Намангон.**

# ЭЪТИРОФИ ГУЛДӮЗИИ ҶАВОНОНИ НАМАНГОН ДАР ХОРИҶИ КИШВАР

*Ҳифзу нигоҳдории арзишҳои миллӣ ва ба наслҳои оянда ба таври шоиста расонидани онҳо қарзи муқаддаси ҳар як ҳамватани мост. Ба зеҳни ҷавонон ворид намудани анъанаҳои ҳунармандие, ки аз ниёгон ба мерос мондаанд, яке аз муҳимтарин вазифаҳо ба шумор меравад.*



*Хонандаи синфи 9-уми мактаби таҳсилоти умумии рақами 11-уми шаҳри Намангон Розия Аҳмадҷонова ва хонандаи синфи 11-уми мактаби таҳсилоти умумии рақами14 Маҳфуза Ҳамидхӯҷаева низ бо нияти идома додани анъанаҳои санъати гулдӯзии миллӣ тайи 6 сол аст, ки аз устои ботаҷриба Ҳакимҷон Тоҷибоев нозукӣ ва асрори ин ҳунарро ба хубӣ меомӯзанд.*

*Ҳар як асари ҳунарие, ки аз ҷониби ҳунармандони ҷавон офарида мешавад, аз интихоби матоъ оғоз ёфта, то нақшандозӣ бар матоъ, ранг кардани ришта ва гулдӯзӣ зиёда аз 20 марҳилаи мураккабро дар бар мегирад. Вобаста ба дараҷаи мураккабии маҳсулот, ин раванд аз 3 то 5 моҳ ва дар баъзе ҳолатҳо то 1-2 сол идома меёбад. Истифодаи нақшҳои анъанавӣ чун ширмон, моҳ, гул, анор ва бодом нодир будани анъанаҳои гулдӯзии миллии Намангонро равшан нишон медиҳад. Ҷолиб он аст, ки гулдӯзиҳои миллие, ки аз ҷониби духтарон офарида мешаванд, на танҳо дар кишвари мо, балки дар ИМА, Туркия ва як қатор кишварҳои Аврупо низ харидор доранд. Қимати онҳо аз 300 ҳазор сӯм то 70 миллион сӯм аст.*

***Дар акс:** ҳунармандони ҷавони Намангон **Розия Аҳмадҷонова** ва **Маҳфуза Ҳамидхӯҷаева** аз устои ботаҷриба **Ҳакимҷон Тоҷибоев** нозукиҳои санъати гулдӯзии миллиро меомӯзанд.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

*Самараи ислоҳот*

# САМАРҚАНД – МАКОНИ ПУРҶОЗИБА

***Як гурӯҳ тадбиркору сармоядорони ба мамлакати мо ташрифовардаи Ироқ дар Самарқанд низ буданд. Дар байни меҳмонони хориҷӣ намояндагони Шӯрои Палатаи савдо, иқтисодиёт ва Кумитаи миллии инвеститсия ҳузур доштанд.***

Меҳмонону мизбонон масъалаҳои ҳамкориро оид ба саноат, озуқаворӣ, кишоварзӣ ва сайёҳӣ муҳокима намуданд. Диққату эътибори махсус ба масъалаи истеҳсоли маводи гуногуни ниёзи тарафайн ва содироту воридот нигаронида шуд.

Дар чорчӯбаи чорабинӣ вакилони Ироқ ба минтақаи озоди иқтисодии Ургут азми сафар карда, бо фаъолияти якчанд заводу фабрика шинос гардиданд ва ба маҳсулоти хушсифати бозоргир баҳои баланд доданд.

Дар Маркази сайёҳии байналхалқии «Silk Road Samarkand» бо иштироки 150 нафар соҳибкорон аз вилоятҳои Ҷиззах, Самарқанд, Қашқадарё, Сурхондарё ва ғайра анҷумани бошукӯҳи байналхалқӣ ба вуқӯъ пайваст. Ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев, раиси Шӯрои Палатаи иқтисодиёти Ироқ Иброҳим Мадлул Увайд Масъуд, раиси садорати Шӯрои иқтисодиёти миллии Ироқ Амир Халаф Алавӣ, ҷонишини раиси Кумитаи миллии инноватсионии Ироқ Салар Муҳаммад Амин ва дигарон доир ба аҳамияти риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ ҳарф заданд.

– Солҳои таҳсил дар мактаб, – гуфт Иброҳим Мадлул, – мо доир ба таърихи Самарқанд мароқ пайдо карда, орзу мекардем, ки онро бубинем. Ниҳоят бо амри тақдир хушбахтона имрӯзҳо бо чашм дидани ин шаҳри бостонӣ насиб гашт.

Иштирокчиёни анҷуман бо ёдгориҳои таърихии Самарқанд низ шинос шуданд.

Нахустин бизнес-форуми Ӯзбекистон – Ироқ моҳи декабри соли 2025 дар шаҳри Бағдод баргузор гардида буд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Армуғони «Адиб»

# «ДЕВОН»-И ҲАДЯИ БУХОРОӢ




Алоқамандони каломи бадеъ бо номи шоира Ҳадяи Бухороӣ (Саломат Раҷабова) ошноянд. Хушбахтона, дар муҳити имрӯзаи Бухорои Шариф давомдиҳандаи анъанаи бештар аз ҳазорсолаи назми форс-тоҷик, баъд аз Асад Гулзодаи Бухороӣ, ӯст. Номзади илмҳои фалсафа Саломат Раҷабова шеърҳои худро бо тахаллуси «Ҳадя» («Ҳадяи Бухороӣ») эҷод кардааст.

Вай 17-уми августи соли 1948 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфта, соли 1966 мактаби миёнаро (он гоҳ аксарияти мактабҳои шаҳр тоҷикӣ буд) бо медали тилло хатм мекунад ва худи ҳамон сол ба шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мешавад. Баробари кушода шудани Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи С. Айнӣ ин шуъба шомили ҳамин институт мегардад. Саломат Раҷабова, ки дар донишкада танҳо вай стипендияи Ленинӣ мегирифт, мактаби олиро соли 1970 бо дипломи имтиёзнок хатм мекунад ва чор сол дар кафедраи фалсафаи ҳамин донишкада ба донишҷӯён дарс медиҳад. Дар ин солҳо дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тошканд дохил шуда, курси назариявии аспирантураро ба итмом расонд ва соли 1974 ба зодгоҳаш баргашт ва чун омӯзгори кафедраи фалсафаи бахши бухороии Донишкадаи политехникаи Тошканд фаъолияти меҳнатиашро идома дод. Дере нагузашта дар пойгоҳи бахши бухороии донишкадаи номбурда Донишкадаи давлатии технологияи хӯрокворӣ ва саноати сабуки Бухоро таъсис ёфт. Ӯ дар ин ҷо чун омӯзгори бахши сиёсатшиносӣ ва сотсиология кор кард ва соли 1997 дар Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи ба номи И. Мӯъминови АИ Ӯзбекистон рисолаи илмии худро дифоъ карда, соҳиби унвони илмӣ гардид. Солҳои 1999-2002 Саломат (падараш табиби ҳарбӣ буд) дар Институти тиббии Бухоро ба номи Абуалӣ ибни Сино ҳамчун мудири кафедраи «Таърихи Ӯзбекистон, назария ва амалиёти сохтмони ҷамъияти демократӣ дар Ӯзбекистон» кор карда, ба нафақа баромад.

Ҳадяи Бухороӣ аз солҳои мактабхонӣ машқи шеър ва ҳикоянависӣ менамуд. Аввалин ҳикояи вай соли 1964 дар маҷаллаи «Машъал» (Душанбе) нашр шуда, дар «Китоби хониш»-и синфи ду ҷо гирифтааст. Соли 1997 дар фаслномаи «Гули Мурод» (таҳиягараш Пайванди Гулмуродзода) ду шеъри Ҳадя рӯйи чопро дид. Аз маҷмӯаи адибони тоҷики Ӯзбекистон «Гулистони адаб» (мураттибаш профессор А. Қамарзода, соли 2007) низ шеърҳои Ҳадя ҷой гирифтааст.

Инчунин шеърҳояш вориди маҷмӯаҳои дастҷамъии «Дурри дарӣ дар Самарқанду Бухоро» (Париж: «Ховарон»), маҷаллаи фарҳангии Теҳрон («Бухоро», 2017) №115, китобҳои дастҷамъии «Суханварони Зарафшон» (Душанбе, «Ирфон», 2019), «Чилдухтарон» (Душанбе, Эр-граф-2020), «Акси садои нигоҳ» (Душанбе-2021) шудааст.

Китобҳои алоҳидаи Ҳадяи Бухороӣ ба номҳои «Ба хокат по ниҳам бо номи яздон» (2002), «Парвоз» (2006), «Кишвари дил» (2008), «Набзи зиндагӣ» (2010), «Ишқи ҳастиҳо», (2011), «Ситораи умед» (2014), «Меъроҷ» (2017), «Боргоҳи нур» (2019), «Ҳазору як панд» (2019) ва «Маҷмӯаи ашъор» (Бухоро 2022) интишор ёфтаанд.

Соли 2024 дар ҳаёти Ҳадяи Бухороӣ воқеаи таърихӣ рух дод. «Девон»-и ӯро нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Тоҷикистон аз чоп баровард. Муаллифи пешгуфтори китоб раиси бахши панҷакентии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Исмоил Зарифӣ дар нигоштааш «Шеъри Ҳадя шеъри дил аст» чунин овардааст: «Ногуфта намонад, ки Ҳадяи Бухороӣ дар муҳите умр ба сар мебарад, ки имрӯз дар он забони тоҷикӣ забони хонагист... Дар шаҳре, ки ба оламиён аз Рӯдакӣ то Айнӣ ҳазорон бузургонро эҳдо кардааст, Ҳадя баъд аз шодравон Асад Гулзода охирин нафарест, ки бо забони тоҷикӣ шеър мегӯяд».

Ҳадя дар муқаддимаи «Девон» овардааст:

*Зи килкам баҳрае ҳаргиз надидам,*
*Гуле аз боғи осоиш начидам.*
*Зи беобӣ гули боғам хазон шуд,*
*Ғизолосо аз ин олам рамидам.*

«Девон»-и Ҳадяи Бухороӣ аз 718 шеър иборат буда, 250 ғазал, 251 маснавӣ ва се чаҳорпора, таҳти унвони «Саҳбои хирад» 713 дубайтӣ, рубоӣ ва қитъаҳои ҷолиби диққатро дар бар гирифтааст. Шеърҳои ӯ, ки ҳам барои калонсолон, ҳам барои кӯдакон дахл доранд, дар қолабҳои анъанавӣ эҷод шудаанд. Онҳо аз ҷиҳати мавзӯю мундариҷа гуногун буда, моҳияташонро ишқу ошиқӣ, ватандӯстӣ, меҳру оқибат, садоқат ва вафо, инсондӯстӣ, илмдӯстӣ, омӯхтани панду ҳикмат, мадҳи фазилатҳои ҳамидаи инсонӣ, мазаммати хислатҳои бад, ҷоҳпарастӣ, зоҳирпарастӣ, бадахлоқӣ, сарзаниши иллатҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ, худбинӣ ташкил мекунанд. Нахустин ғазали Ҳадя ба зодгоҳи азиз – мояи ифтихораш бахшида шудааст:

*Баҳори пурсафо ҳастӣ, Бухоро!*
*Назаргоҳи Худо ҳастӣ, Бухоро!*
*Ту дар рӯйи ҷаҳон ҳамто надорӣ,*
*Базебу дилрабо ҳастӣ, Бухоро!*
*Диёри меҳру ишқу орзуӣ,*
*Ба дарди дил даво ҳастӣ, Бухоро!*

Асоси зиндагӣ – ишқро вай чунин тавсиф кардааст:

*Ҷоми дил пур кун зи ишқи зиндагӣ,*
*То ки моні ту ба олам ҷовидон.*
*Нашъаи олам бувад ишқи асил,*
*Маънии одам бувад ҷовид аз он...*
*Зиндагию ишқ бо ҳам тавъаманд,*
*Хештанро то ба умқи он расон.*
**(«Ишқи зиндагӣ»).**

*Ҷаҳон ҷуз ишқ меҳробе надорад,*
*Барои ишқ поёбе надорад.*
*Дар ин шоми ғарибона ба олам.*
*Зиёи ишқ маҳтобе надорад...*
**(«Олами ишқ»).**

Қадру қимати инсонро на зоҳир, балки ботини ӯ муайян месозад:

*Машав ғофил дар олам, бош бедор,*
*Назар ҳар дам маяфкан сӯйи анбор.*
*Барои дида кардӣ қаср бунёд,*
*Чӣ кардӣ баҳри руҳат? Хуб ёд ор!*
**(«Худофарӣ»).**

Ватандӯстӣ фазилати олии ҳар як фард аст:

*Ватан рӯҳу тану кошонаи мо,*
*Бувад бори ғамаш дар шонаи мо.*
*Ватанро дар ҳама олам наёбӣ,*
*Ватан ширинии афсонаи мо...*
**(«Файзи истиқлол»).**

Дар «Девон» васфи Бухорои бостонӣ ва ёдгориҳои таърихии он мақоми махсус дорад, зеро шаҳри шариф сарчашмаи эҷод ва илҳоми шоира будааст:

*Эй Бухоро, масдари аҷдоди ман,*
*Хуни ман олуда дар домони ту.*
*Ҷуз ту дар дунё нагардад арҷманд,*
*Ҳеч ҷоро нашмарад ҳамсони ту.*
*Дар ғурурам, лаҳҷаам, афкори ман,*
*Руҳи аҷдодӣ диҳад акси садо.*
*Эй Ватан, эй рӯҳи поки модарам,*
*Оварӣ бар ман ту дар олам сафо.*
*Ҳастӣ ту аз хоки аҷдодам нишон,*
*Сарбаландам дар бари ту зодаам*
*Дар ҷаҳони маърифат дорам ҳузур,*
*Бо ҳама дилсофиям озодаам...*
*Меравам ҳар ҷо чу номат мебарам,*
*Ҳамчу хокат менамояндам тавоф.*
*Эй Ватан, бар номи покат ҷони ман,*
*Ҳамчу ашки ман бувад оби ту соф.*
*Ворисі ҳар гарди домони туам,*
*Мардуми чашмони фаттони туам.*
*Худшиносӣ кори ҳар бечора нест,*
*Посбони лафзи Сомони туам.*

Шоираро бо нашри «Девон»-аш табрик гуфта, барояш комёбиҳои беш аз пеш таманно дорем.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Ҷашнҳои миллӣ

# «ЗИ ҲУШАНГ МОНД ИН САДА ЁДГОР»

***Доир ба ҷашни Сада дар манбаъҳои таърихӣ маълумот ва ривоятҳои гуногун мавҷуд аст. Сада яке аз ҷашнҳои қадимаи мавсимии халқиятҳои ориёинажод ба шумор меравад. Он дар оғози шомгоҳи 10-уми моҳи баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардид, ки мутобиқи солшумории милодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январ рост меояд. Ин рӯзро Обонрӯз низ мегӯянд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани Шаби Ялдо ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун гиромидошти оини оташпарастӣ ва бузургдошти Хуршед истиқбол гирифта мешуд.***

Бино ба тадқиқоти олимони мардумшинос ва мутахассисони фолклор таърихи нишонаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, ба замони пешазориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар мерасад.

Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Садаро интихоб карданд. Ин аз як тараф, ифодагари рамзи ҷовидонагии Хуршед ва муқаддас донистани оташ буда, аз тарафи дигар ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад. Баъдҳо маҳз пайдо шудани «ҷашни оташ» ва ҳамчун рамзи Хуршед донистани он «ҷашни Сада» дар миёни мардум густариш пайдо кард.

Иди Сада дар поёни чиллаи калон чун рамзи гузаштани сардиҳои зимистон одатан муждае аз наздик расидани баҳор меовард. Мардум, бахусус деҳқонон, дар шаби Сада бори дигар бузургдошти ҷовидонагии Хуршедро ёдоварӣ намуда, ба поси он гулханҳои бузург меафрӯхтанд ва шодиву хушҳолӣ менамуданд. Сада моҳиятан пирӯзии рӯшноиро бар торикӣ ифода намуда, бо тантанаи оташафрӯзӣ омадани фасли баҳору муждаи пешакии Наврӯзро мерасонд.

Дар хотираи фарҳанги халқи тоҷик ҷашни Сада мақоме мисли ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон дорад. Метавон ёдовар шуд, ки имрӯзҳо дар кишварҳои гуногуни олам, дар он шаҳрҳое, ки тоҷикон ва форсизабонон, курдҳо, паштунҳо, балуҷҳо ва дигар мардуми эронитабор зиндагонӣ менамоянд, Садаро ҷашн мегиранд. Дар тарабхонаҳо ба ифтихори ҷашни Сада базми ҷамшедӣ барпо менамоянд. Ин ҷашн ёдгорест аз даврони ориёиҳо, ки дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ пайдоиши онро ба паҳлавони асотирӣ – Ҳушанг нисбат медиҳанд. Аз он ҷумла, Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» оид ба бунёд гузоштани ҷашни Сада чунин ҳикоят мекунад, ки боре шоҳ Ҳушанг бо наздиконаш ба шикор меравад ва дар кӯҳсор мори дарозу тирарангро мебинанд.



Ҳушанг санги калонеро бардошта ба сӯйи мор ҳаво медиҳад, мор мегурезад, аммо ин санг ба санги дигар бархӯрда, шарора меҷаҳад ва хасу хошоки хушк оташ мегиранд. Мардум то ин вақт тарзи афрӯхтани оташро намедонистанд ва Ҳушангу наздиконаш аз ошкор шудани рози оташафрӯзӣ шод шуда, онро неъмати худовандӣ мехонанд. Шоҳ Ҳушанг ба Худо шукр мекунад, ки ба мардум сирри афрӯхтани оташро ошкор намуд ва ӯ ба шаҳраш баргашта, ин рӯйдодро ҷашн мегирад.

*Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,*
*Ҳамон шоҳу дар гирди шоҳон гурӯҳ.*
*Яке ҷашн кард он шабу бода хӯрд,*
*Сада номи он ҷашни фархунда кард.*
*Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.*
**(ФИРДАВСӢ).**

Баъд аз асрҳои XII-XIII бо таъсири рӯҳониёни мутаассиб таҷлили расмии ҷашни Сада қатъ шуда, дар шакли сайрҳо то ба рӯзгори мо омада расидааст. Тасвири баргузории ҷашни Садаро дар замони ҳукмронии Сомониёну Ғазнавиён дар асарҳои таърихӣ ва бадеӣ, махсусан дар қасидаҳо, мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба ҳамин муносибат бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» бо иштироки адибон, шоиру нависандагон, таърихшиносон ва ҳаводорони шеъру фолклори тоҷик чорабинии мутантан баргузор гардид. Раиси «Ориёно» Тоҷибой Икромов ҳозиронро хайрамақдам гуфта, доир ба пос доштани арзишҳои миллии қадима ҳарф зад. Дар гирди суфраи идона, ки аз фаровонӣ, ҳамҷиҳатӣ ва дӯстии халқҳои кишварамон дарак медиҳад, суҳбати самимӣ, нақли ривояту қиссаҳо ва қироати шеъру суруд аз ҷониби шоирону санъаткорон ба миён омад. Ҷамъомадагон доир ба идҳои қадимӣ, аз ҷумла ҷашни Сада дорои маълумотҳои шавқовар гардиданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Дар толори Донишгоҳи давлатии Намангон аз рӯйи мавзӯъҳои «Муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис ва мардуми Ӯзбекистон», Стратегияи «Ӯзбекистон-2030» ва «Вазифаҳои аввалиндараҷаи таҳкими минбаъдаи амният ва мудофиаи ҳарбии кишварамон» семинар баргузор гардид.***

# ЧОРАБИНИИ МАЪНАВӢ-МАЪРИФАТӢ

Дар чорабинӣ, ки бо ҳамкории Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат, Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон, Вазорати мудофиа, ҷамъияти тарғиботии «Маърифат» ва Агентии кор бо ҷавонон ташкил карда шуд, муовини ҳокими вилоят Отабек Бозоров дар бораи моҳияти ислоҳоти васеъмиқёси амалишаванда сухан кард.

Дар чорабинӣ номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Даврон Муитов, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Миродил Баротов ва раиси Бунёди «Нуронӣ»-и вилоят Икромхон Наҷмиддинов низ суханронӣ карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ОМАДАНИСТ...

*Дар кишвари мо боз баҳор омаданист,*
*Ҳам атри гулу савти ҳазор омаданист.*

*Ояд Сада аз олами улвӣ – малакут,*
*Наққоши азал дар бари ёр омаданист.*

*Баҳман, ки дилу рӯҳи маро шод кунад,*
*Чун равшании дидаи зор омаданист.*

*То аҳли ҷаҳон хоҷаи гулзор шаванд,*
*Сад лолаву насрин ба нисор омаданист.*

*Зангӯла занад гар Сада дар қалби замин,*
*Ҳаққо, Суманак дар сари кор омаданист.*

*Андар Сариҷӯ то ҳама осуда шавем,*
*Борони Ҳамал ба баргу бор омаданист.*

*Гар оҳи Саодат бирасад назди Худо,*
*Наврузи Аҷам – авҷу барор омаданист.*

***Саодат САТТОРӢ,***
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Китобиёт

# ОЙИНАҲОИ САБЗИ ШЕЪР ДАР ЧАҲОР ҲАВЗАИ АДАБӢ

***Чанде пеш дар нашриёти «Zamon poligraf»-и шаҳри Тошканд китоби шарқшинос, дотсенти кафедраи забони ӯзбекӣ ва адабиёти классикии Шарқи Академияи байналхалқии исломи Ӯзбекистон Наргис Шоалиева таҳти унвони «Ойинаҳои сабз» (муаррифии сад соли охири шеъри форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ) рӯйи чоп омад.***

Дар китоби тозанашр шеъри муосири форсӣ дар чаҳор ҳавзаи адабӣ – Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муаррифӣ гардида, роҷеъ ба зиндагӣ ва вижагиҳои ашъори маъруфтарин шоирони муосири форсигӯ, ки тӯли сад соли охир бобати рушди адабиёти форсизабонон саҳми шоиста гузоштаанд, маълумоти судманд интишор шудааст.

Маҷмӯа аз муқаддима, чор фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, хонанда тавассути мутолиа метавонад бо зиндагинома ва намунаи ашъори 76 тан шоири форсизабони адабиёти асри XX ва аввали асри XXI ошно шавад.

Н. Шоалиева дар оғози ҳар як фасл роҷеъ ба вазъи шеъру шоирӣ дар ҳавза маълумоти мухтасар дода, равандҳои адабӣ, сабкҳои нигориш, доираи мавзӯот, вижагиҳои услубии ашъори шоиронро ба таври умум таҳлил намудааст.

Муаллиф дар китоб таъкид кардааст, ки «таҳияи чунин як китоби тазкирагуна аввалин иқдом аст, ки вазъият ва намунаи шеъри чаҳор ҳавзаи адабии форсизабононро мухтасар муаррифӣ ва нақд намуда, дар хостгоҳи шеъри форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ ба хати кириллӣ ба нашр мерасад. Аз ин хотир, табиист, ки аз камбудиҳо низ орӣ нест. Ба ҷуз чеҳраҳое, ки дар ин баёз муаррифӣ шуданд, дар сад соли охири ин чаҳор ҳавзаи адабӣ садҳо нафари дигар шоирони тавонову боистеъдод дар майдони адабиёт қаламронӣ карда, дар пешрафти шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ саҳми босазо гузоштаанд. Аммо дар бораи зиндагиву фаъолияти адабии ҳамаи онҳо маълумот додан ва намунаҳо аз ашъори онҳо овардан берун аз ҳадди имкони маҷмӯа буд. Ба ин хотир, чун «муште аз хирвор» фақат ба муаррифии чанд нафар аз чеҳраҳои машҳури ин ё он ҳавзаи адабӣ кифоя гардид».

Вақте бо китоб ошно мешавем, аён мегардад, ки дар он баробари ҳолнома ва намунаҳо аз ашъори шоирони маҳбуб, маъруф ва зиндаёди ҳавзаҳои адабӣ, чун Нимо Юшиҷ, Шаҳриёр, Аҳмади Шомлу, Ҳушанг Ибтиҳоҷи Соя, Нодири Нодирпур, Суҳроби Сипеҳрӣ, Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Халиллуллоҳи Халилӣ, Восифи Бохтарӣ, Шафиқа Ёрқин, Латифи Пидром, Холида Фурӯғ (Афғонистон), Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Низом Қосим, Фарзона (Тоҷикистон), Ҷонибек, Паймон, Абдулло Субҳон, Ҷаъфар Муҳаммад, Асадуллоҳ Исмоилзода, Хоҷа, Парисо, Хусрав Саъдуллоҳ (Ӯзбекистон) ва дигар шоирони ҷавон низ оварда шудааст.




Дар фасли чоруми китоб, ки «Шеъри муосири форсӣ-тоҷикии Ӯзбекистон» унвон дорад, пажуҳишгар дар бораи таърихи адабиёти муосири форсии тоҷикии Ӯзбекистон маълумот дода, онро ба давраҳои зерин ҷудо намудааст: адабиёти ҷадидия, адабиёти даврони шӯравӣ ва адабиёти давраи истиқлоли Ӯзбекистон.

Муаллиф шеъри тоҷикиро дар ҳавзаи адабии Ӯзбекистон тӯли солҳои истиқлол «нисбат ба давраҳои қаблӣ... зиндатар, гӯётар ва шевотар» арзёбӣ намудааст.

Бино ба таъкиди Н.Шоалиева ҳоло «беш аз чаҳорсад нафар шоирону адибон дар ин сарзамин бо забони форсии тоҷикӣ асар эҷод мекунанд. Тӯли ин солҳо беш аз 1000 номгӯй китобу маҷмӯаҳои назмиву насрӣ, тарҷума ва рисолаҳои илмиву публитсистӣ... дар кишвар ва хориҷ аз он нашр гардиданд».

Дар ин давра дар ҳавзаи адабии Ӯзбекистон ба вуҷуд омадани ҷараёни «шеъри нав» ё худ ба истилоҳ ҷараёни «мавҷи нав»-ро таъкид намуда, илова мекунад, ки чанд тан шоирон ба сурудани шеъри нав дар қолабҳои озод ва сапед пардохтанд ва ҳар яке аз онҳо мувофиқи имкон дар ин жанр қувваозмоӣ карданд.

Дар идома муаллиф дар бораи рӯзгор ва осори 15 нафар шоирони тоҷики Ӯзбекистон: Ҷонибек, Сулаймон Хоҷаназар, Нормурод Каримзода, Абдуллоҳи Раҳмон, Паймон, Абдулло Субҳон, Фозили Шукурӣ, Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Асадуллоҳ Исмоилзода, Расулбеки Аҳмадзод, Хоҷа, Ҳикмат Султонзода, Дилшоди Фарҳодзод, Парисо ва Хусрав маълумот додааст ва намунаҳо аз ашъори гуногуншаклу гуногунмавзӯи онҳоро пешкаши ҳаводорон намудааст.

Аз баррасии ашъори тамоми шоирони маҷмӯа метавон чунин хулоса кард, ки шеъри муосири форсӣ-тоҷикӣ-дарӣ дар Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон тӯли садсолаи охир бо шаклу қолабҳои гуногун хеле рушд кардааст. Дар онҳо баробари паҳлуҳои муштарак, ҷиҳатҳои мушаххаси мутафовит низ ба чашм мерасанд, ки ин ҳама ба нақду таҳқиқи вижа ниёз доранд.

Дар ин маврид ибрози мулоҳиза роҷеъ ба афзалиятҳои ин хрестоматия низ мувофиқи мақсад мебошад. Яке аз ҷиҳати бартариноки китоб он аст, ки муаллиф зимни муаррифии рӯзгор ва осори шоирон, дар бораи шеър, бурду бохти онҳо дар эҷод низ андешаҳои худ, ҳамзамон мулоҳизаҳои олимони адабиётшиносро androз намудааст.

Илова бар ин, дар бораи муҳаққиқоне, ки ҳаёт ва фаъолияти шоиронро нақду баррасӣ намуда, китобу мақолот иншо кардаанд, мутарҷимоне, ки бобати тарҷумаи осори шоирон ба забонҳои дигар, бахусус, ӯзбекӣ саҳм гузоштаанд, низ маълумот пешниҳод намудааст. Лекин чунин нуқтаи назар ва ишораҳоро наметавон дар ҳолномаи ҳамаи шоирон мушоҳида кард. Зимни баёни шарҳи ҳоли баъзе шоирон, муаллиф танҳо бо ибрози зиндагиномаи онҳо кифоят намудааст.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки чопи чунин китобҳо дар бораи намояндагони ҳавзаҳои гуногун на танҳо барои муаррифии осори шоирони доираҳои адабӣ, густариш ва таҳкими минбаъдаи робитаҳо, балки барои таҳлилу тадқиқи равандҳои адабии давр, баррасии вазъи шеъру доираи мавзӯоти ашъори онҳо, инчунин, корбасти шигардҳои нави адабӣ мусоидат менамояд.

**Ш.ЙӮЛДОШЕВА,**
**донишҷӯи Донишкадаи давлатии соҳибкорӣ ва омӯзгории Деҳнав.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3154. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.